209366 - Аввалин касе, ки Масҷиду-л-ҳаром ва масҷиди Ақсоро бунёд кард, кист?

савол

Дар ҳадис омадааст, ки сохтмони масҷиди Ақсо баъд аз Масҷиду-л-ҳаром пас аз чил сол сурат гирифтааст. Пас чӣ гуна ин мумкин аст, дар ҳоле ки байни Исмоил ва Исҳоқ то Яъқуб чил сол аст?

Ҷавоби муфассал

Бухорӣ (3366) ва Муслим (520) аз Абузар ривоят кардаанд, ки ӯ фармудааст:

Гуфтам: Эй расулуллоҳ, аввалин масҷиде, ки дар рӯи замин бунёд шуд, кадом масҷид буд?
Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:
«Масҷиду-л-ҳаром».
Гуфтам: Баъд аз он кадом масҷид бино шуд?
Фармуд:
«Масҷиди Ақсо».
Гуфтам: Чанд сол байни онҳо фарқ дорад?
Фармуд:
«Чил сол».

Ҳадафи ин ҳадис ишора ба аввалин бунёди ин ду масҷид мебошад.

Гуфта шудааст, ки ҳардуи онҳоро Одам (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) бунёд кардааст.

Ва ҳамчунин гуфта шудааст, ки Одам (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) Масҷиду-л-ҳаромро сохт ва баъзе аз фарзандонаш масҷиди Ақсоро ва байни сохтмони онҳо чил сол фарқ буд. Баъдтар Иброҳим (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) Масҷиду-л-ҳаромро навсозӣ кард ва Сулаймон (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) масҷиди Ақсоро.

Ибни Ҷавзӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Ишора дар ҳадис ба аввалин бунёд ва поягузории ин ду масҷид аст. Аввалин касе, ки Каъбаро бунёд кард, Иброҳим набуд ва аввалин касе, ки Байтулмуқаддасро бунёд кард, Сулаймон набуд. Дар байни паёмбарон ва солеҳон бисёр бинокорон буданд, аз ин рӯ, Аллоҳ беҳтар медонад, ки кӣ онро оғоз кард. Мо ривоят кардем, ки аввалин бунёдкунандаи Каъба — Одам буд, сипас фарзандонаш дар саросари замин паҳн шуданд ва мумкин аст, ки баъзе аз онҳо пояи Байтулмуқаддасро гузошта бошанд". Поёни сухан аз китоби "Кашфу-л-мушкил" (ҷилди 1, саҳ 360).

Ҳамин маъниро Қуртубӣ низ гуфтааст ва онро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар китоби "Фатҳу-л-борӣ" (6/409) дурусттар шуморидааст.

Аллоҳ донотар аст.